**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дар қатори ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ,

тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа ва ҳифзи моликият ҳамчун вазифаҳои якуминдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст.

Масоили ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ то андозае аз мадди назар дур шудааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо аз он бармеояд, ки дар айни замон ягон барномаи давлатӣ дар самти ташкили муборизаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ вуҷуд надорад. Дар баробари ин, дар масъалаи маънидод намудани аломатҳои таркиби ҷинояти дар м. 253 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷой надоштани тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ ба татбиқи якхелаи меъёри мазкури КҶ ҶТ мусоидат карда наметавонад. Инчунин, масоили ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, ҳалли худро дар КҶ ҶТ пурра пайдо накардааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷинояти мавриди назар, такмил додани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят низ ақидаҳои гуногун баён шудаанд, ки таҳлил ва баҳогузории муайянро талаб месозанд.

Асоси пайдоиши муносибатҳои боварӣ, ки байни гунаҳкор ва ҷабрдида ҳангоми содир шудани ҷинояти дар моддаи 253 КҶ ҶТ пешбинишуда дида мешавад, хусусияти ҳуқуқӣ бояд дошта бошад. Яъне ин боварӣ бояд дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, меҳнатӣ ва оилавӣ бавуҷуд омада бошад. Масалан дар натиҷаи бастани шартномаҳои гуногун, ҳангоми иҷрои кор ва расонидани хизмат. Дар чунин ҳолат муносибати боварӣ, ки аз асосҳои ҳуқуқӣ бармеояд, дар намуди муносибатҳое баромад мекунад, ки шахси ваколатдиҳанда (соҳибмулк) ба шахси дигар (боваринок) ҳуқуқҳои муайянро медиҳад ва уҳдадориҳои муайянро ба зиммаи ӯ вомегузорад, шахси ба боварӣ

даромада бошад ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ба зимааш гузошташударо қабул менамояд.

Дар баъзе маврид муносибати боварӣ мумкин аст аз ваколатҳои мансабии шахси мансабдор барояд. Ба ҷамъият хавфнокии сӯиистифодаи мансаб аз барқасдона истифода намудани гунаҳкор ваколатҳои ба ӯ додашуда ифода мегардад. Дар натиҷаи ин, ваколатҳои мансабиро дар ҳолатҳои мушаххас мо метавонем ҳамчун намуди асосҳои ҳуқуқии сӯиистифодаи боварӣ эътироф намоем ва онро ҳамчун тарзи расонидани зарари молу мулкӣ бе аломати тасарруф баҳо диҳем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баъзе муҳаққиқон дар баробари асосҳои ҳуқуқии сӯиистифодаи боварӣ асосҳои воқеии онро ҷудо менамоянд, ки одатан ин муносибатҳо аз муносибатҳои шахсӣ (хешу таборӣ, дӯстӣ, ҳамсоягӣ) бармеояд. Дар баробари ин пойдорӣ ва давомнокии муносибатҳои воқеии боварӣ ба ақидаи ин олимон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкор аҳамият надорад, яъне он барои банду басти ҷиноят таъсир расонида наметавонад. Асосро бояд муайян намуд, ки гунаҳкор онҳоро барои содир намудани ҷиноят истифода бурдааст.

Бо назардошти гуфтаҳои зикршуда таҳқиқоти маҷмуии мавзуи илмии интихобшуда дар айни замон муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳия шуда мебошад, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, муайян намудани тарзу

усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷи он вобаста ба масъалаҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷиро вобаста «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», мавриди матраҳ қарор дода, таҳлили таърихи рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии дар самти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, аломатҳои бандубасти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб мешавад, ки ба ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ рабт дорад. Инчунин, ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии моддаи 253 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии хориҷи кишвар муқоиса карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории

ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷии наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст. Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ҷинояти барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ амалӣ гардида, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили моддаи 253 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани аломатҳои иловагии бандубастшаванда оид ба ин ҷиноят, пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар пешниҳодҳои илман асоснок аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ифода меёбад.

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ аз мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқотӣ бармеоянд, ки дар сатҳи зарурӣ асоснок гардидаанд. Мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтани масъалаҳои назариявию методологӣ, хусусиятҳои умумӣ ва махсуси расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз он ҷумлаанд. Нуқтаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ба нуқтаи кори диссертатсионӣ, мақсади асосӣ ва вазифаҳои тадқиқотӣ ва навгониҳои он мувофиқ буда, ҳалли масъалаҳои таҳлил ва хулосаҳои илмиро собит месозанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ ҳамаҷониба асоснок гардидаанд ва дар муайян намудани ҳифзи моликият дар ташаккул ва рушди давлатӣ миллӣ метавонанд истифода шаванд.

Дар боби якуми диссертатсия «Ташаккул, рушд ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» таҳлили ҳаматарафаи ҷанбаҳои калидии мавзӯъ гузаронида мешавад. Дар ин фасли тадқиқот таҳаввулоти қонунгузории

марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна амалҳо ба низом оварда шудааст ва баҳо дода мешавад. Ғайр аз ин, таъсири дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба инкишофи меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ ва инъикоси онҳо дар амал дида баромада шудааст. Муаллиф инчунин таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ин навъи ҷиноятро дар фазои пасошуравӣ ва кишварҳои низоми ҳуқуқии румӣ-олмонӣ гузаронидааст. Муаллиф бо таҳлили ташаккули қонунгузорӣ бо мурури замон сарчашмаҳои мушкилоти расонидани зарари молу мулкиро бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ муайян кардааст. Марҳилаҳои ибтидоии масъала-ҳои гузошташуда дар заминаи ҳуқуқӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, омилҳои асосие, ки ба пайдоиш ва таҳаввулоти меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ мусоидат кардаанд, муайян карда мешаванд.

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» масъалаҳои таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмет, тарафи объективӣ, аломатҳои субъективӣ, инчунин аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» зикр карда шудааст, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ проблемаи объект доимо дар маркази диққат қарор дорад.

Муаллиф қайд мекунад, ки масъалаи муайян кардани объекти ҷиноят дар муайян кардани таркиби ҷиноят санги асос аст. Маҳз тавассути дақиқ муайян кардани объекти ҷиноят муҳимтарин меъёри ҷиноят - ғайриқонунӣ будани он ва барои ҷамъият хавфнок будани он муқаррар карда мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм ба масъалаи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё

сӯиистифодаи боварӣ» бахшида шудааст. Дар рисола оварда шудааст, ки барои муайян кардани аломатҳои тарафи объективии таркиби расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, муайян кардани сохтори таркибии қонунгузории ҷиноятӣ лозим аст. Аз мазмуни диспозитсияи моддаи 253 КҶ ҶТ бармеояд, ки расонидани зарари молу мулкӣ аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят мебошад, бинобар ин ҷиноят аз лаҳзаи фарорасии оқибатҳои манфии хусусияти молумулкӣ барои соҳиб ё дигар соҳиби молу мулк ба анҷом расида ҳисобида мешавад. Аз ин бармеояд, ки таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда моддӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Аломатҳои субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» диссертант зикр мекунад, ки субъекти ҷиноят яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят мебошад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс барои содир намудани ин ҷиноят аз синни 16-солагӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки маҳз ҷанбаи синнусолӣ имкон медиҳад, ки ин ҷиноят аз дигар ҷиноятҳои зидди моликият, аз қабили дуздӣ фарқ карда шавад. Муаллиф, инчунин ба ҷанбаи дигари синну сол – имкони амалӣ намудани кирдори ғайриқонунии худ ишора мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки барои самаранок истифода бурдани маҳорати фиребгарӣ ва вайрон кардани боварӣ ҷинояткор бояд маҳорати муайян ва таҷрибаи ҳаётӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ин ҷиноят дар байни ноболиғон маъмул нест. Муаллиф бар асоси ин, ба категорияи ҷиноятҳое дохил накардани ин ҷиноятро, ки ҷавобгарӣ барои онҳо аз синни 14-солагӣ оғоз мешавад, асоснок медонад.

Зербоби чоруми боби дуюм «Аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» яке аз вазифаҳои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Тавре, ки дар диссертатсия қайд шудааст, яке аз воситаҳои фарқ кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷудо кардани таркибҳои бандубастшаванда дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад, ки дараҷаи бештари хавфи ҷамъиятии онҳоро дар муқоиса бо таркибҳои асосии худи ҳамон амалҳо нишон медиҳад.

Дар моддаи 253 КҶ ҶТ соли 1998 то 18 июни соли 2008 се аломати бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешбинӣ шудааст:

а) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

в) бо расонидани зарар ба миқдори калон пешбинӣ шуда буд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад. Аз натиҷаи таҳлили матни диссертатсия дида мешавад, ки дар он ақидаҳои мухталифи илмӣ-назариявии олимони соҳа оварда шудаанд ва ҳамзамон онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои ҷудогона ба ғайр аз таъкиди коршиносону олимон ва муқаррароти илмӣ, инчунин бо маводи таҷрибаи амалӣ ва судӣ, нишондодҳои мушаххас аз омори расмӣ асоснок карда шудаанд. Пуррагии таҳқиқотро, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқукии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид

ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ нишон медиҳад. Муаллиф ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии моддаи 253 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии хориҷӣнишон медиҳад. Ҳолатҳои зикргардида аз асоснок ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии он амалан метавонанд, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, таърихи ташаккул ва асосҳои рушду такмили он, тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ, намудҳои бандубастшавандаи барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ истифода бурда шаванд. Бахусус, саҳми шахсии муаллиф дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои алоҳида ва аҳамияти онҳо назаррас аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, аз ҷумла, омӯзиши мавзӯъҳои вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мавзӯъҳои алоҳидаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд, истифода карда шаванд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додани моддаи 253 бо матни нав пешниҳод карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-

амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Доир ба мавзӯи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби унвонҷӯ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаҳои баҳснок холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл номбар намуд:**

**1.** Дар зербоби якуми боби якуми рисола муаллиф масъалаҳои ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (саҳ.23-43)-ро таҳқиқ намудааст. Аммо таҳқиқоти мазкур фарогири солҳои 1924-1991 ва 1991-2023 мебошад. Хуб мешуд, ки муаллиф масалаҳои инкишофи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро дар Тоҷикистони таърихӣ мавриди таҳқиқот қарор медод.

**2.** Дар рисолаи мазкур сабаб ва шарту шароитҳои ҷиноят ва омилҳои пастуболоравии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар солҳои 2012-2022 пешбинӣ карда нашудааст.

**3.** Дар нуқтаи даҳуми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллифи рисола ибрози ақида карда менависад, ки «Эзоҳи м. 253 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: дар таркиби ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ зарар оддӣ шуморида

мешавад, ки агар он аз як то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарари ҷиддӣ аз даҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарар ба миқдори калон аз сад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва зарар ба миқдори махсусан калон бошад – аз ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад». Вале асоси ин пешниҳод гуфта нашудааст. Хуб мешуд диссертант дар раванди ҳимояи ошкоро ин нуқтаи илмиро асоснок менамуд.

Ҳамаи эродҳои овардашуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта ба мазмуни диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Мутобиқатӣ ва барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд. Хулоса, рисолаи диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо рузмаррагӣ ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Чумхурии Точикистон аз 30- уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарриз:**
Муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«23» апрели с.2024

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj